# ХУЛОСАИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-012 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии № 18

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 13.01.2024, № 18.2

Барои сазовор донистани Шарифова Дилором Мустафоқуловна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ.

Диссертатсияи "Такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01-Савдо, хизматрасонии тиҷоратӣ ва маишӣ) ба ҳимоя 10 ноябри соли 2023, суратмаҷлиси № 18.1 аз тарафи шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2.), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2023, № 12/шд таъсис ёфтааст, қабул карда шуд.

Шарифова Дилором Мустафоқуловна, 10 марти соли 1988 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2010 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит дар тиҷорат хатм намудааст.

Аз соли 2016 то соли 2021 ҳамчун муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва сайёҳӣ фаъолият менамуд.

Аз моҳи августи соли 2022 дар кафедраи иқтисодиёти Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб ҳамчун муаллими калони кафедра фаъолият менамояд.

Аз соли 2018 то соли 2023 унвонҷӯйи кафедраи иқтисодиёти Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасонии тиҷоратӣ ва маишӣ) мебошад.

Мавзуи диссертатсияи Шарифова Дилором Мустафоқуловна дар ҷаласаи Шурои олимони донишкада аз 29 сентябри соли 2018, суратҷаласаи №2 тасдиқ гардидааст.

Соли 2010 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит дар тиҷорат хатм намудааст.

Аз соли 2016 то соли 2020 дар вазифаҳои ассистенти кафедраи иқтисодиёт ва сайёҳӣ, нозири шуъбаи таълим ва идораи сифати таҳсилот, муовини декан оид ба тарбияи факултети иқтисодиёти ва технологияҳои иттилоотӣ, муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва сайёҳӣ ҷонишини мудири кафедраи иқтисодиёт ва сайёҳӣ фаъолият намудааст.

Аз моҳи августи соли 2022 дар кафедраи иқтисодиёти Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб ҳамчун муаллими калони кафедра фаъолият менамояд.

Аз соли 2018 то соли 2023 унвонҷӯйи кафедраи иқтисодиёти Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасонии тиҷоратӣ ва маишӣ) мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Раҷабов Раҷаб Кӯчакович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

1. Ҷумъаев Баҳовиддин Маҳмадназарович, д.и.и., дотсент, мудири кафедраи муносибатҳои байналмлалии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;
2. Аҳмадов Раҳимҷон Раҷабович, н.и.и., дотсенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Хулосаи мусбати додашудаи муассиса дар ҷаласаи ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 07 декабри соли 2023, протоколи № 5 баррасӣ гардида, аз тарафи раиси ҷаласа, мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ Нуриддинов С.З., эксперт - н.и.и., дотсент Нурализода А.Н., ва котиби ҷаласа муаллими калон, кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ Нурублоева М.М. имзо шуда, аз тарафи ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А. санаи 12.12.2023 тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзӯи “Таъмини кадрии рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01-Савдо, хизматрасонии тиҷоратӣ ва маишӣ) таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи муқарраргардидаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Шарифова Дилором Мустафоқуловна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси зикршуда мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба соҳаи иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти

илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ 12 интишори илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзӯи диссертатсия 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо зерин ворид шуданд:**

1. Расулов С. – номзади илмҳои иқтисод ходими пешбари илмии Шуъбаи моделсозии риёзии протсесҳои динамикии МРИИваТН АМИТ. бо чунин эродҳо: 1) Новобаста ба бартариятҳо автореферат дорои камбудиҳо мебошад.Дар автореферат на ҳамаи афзалиятҳои таҷрибаи ҷаҳонии хизматрасонии маишӣ ва низоми танзими он дида баромада нашудааст; 2) Инчунин баъзе аз самтҳои такмили низоми танзими давлатӣ ҳангоми расонидани хизматрасонии маишӣ ба аҳолии вилояти Хатлон ба пуррагӣ дар автореферат шарҳ дода шудааст.

2. Ашурзода А.Н. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,декани факултаи иқтисоди соҳаҳо ва идораи ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ бо чунин эродҳо: 1) Дар рисола дар сатҳи зарурӣ хусусиятҳо ва масоили низоми танзими хизматрасонии маишӣ аҳолӣ дида баромада шудааст. Мутаасифона раванди такмили низоми танзими хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар автореферат шарҳ дода шудааст; 2) Инчунин дар автореферат на ҳамаи ҷабҳаҳои механизми дастгирии давлатӣ ва хизматрасонии маишӣ ба аҳолии вилояти Хатлон дида баромада шудааст.

3. Сафаров А.А. – номзади илмҳои иқтисод дотсент мудири кафедраи назарияи иқтисодии ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо чунин эродҳо: 1) Бояд қайд намоем, ки новобаста ба бартариятҳо автореферат дорои норасоиҳо низ мебошад. Аз ҷумла дар он на ҳамаи фишангҳои механизми дастгирии давлатии бахши хусусӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ мавриди таҳқиқ ва натиҷагирӣ қарор дода шудааст; 2) Инчунин бартарияти шаклҳои муосири созмон додани корхонаҳои химатрасонии маишӣ ба аҳолии деҳот муайян карда нашудааст.

4. Шералиев А.А. – номзади илмҳои иқтисодӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи таҳқиқотҳои инфрасохтории Института ик;тисодиёт ва демографияи АМИТ бо чунин эродҳо: 1) Мутассифона дар автореферат норасоиҳо низ ҷой доранд. Пеш аз ҳама ҳангоми баррасии хусусиятҳои хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ масъалаҳои аз ҷиҳати молиявӣ таъмини пардохтпазирии аҳолӣ дида баромада нашудааст; 2) Аз тарафи дигар механизми аниқи дастгирии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолии вилояти Хатлон дар автореферат оварда нашудааст.

5. Норматова Ш.М. – номзади илмҳои иқтисод, дотсент, муовини ректор оид ба тарбияи ДДҲБ ва СТ бо чунин эродҳо: 1) Гарчанде дар сатҳи зарурӣ дар

автореферат масоили низоми танзими давлатии хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолӣ дида баромада шуда бошад ҳам, вале мавқеи ҳукумати иҷроияи маҳаллӣ ҳангоми амалӣ шудани он пурра баррасӣ нагардидааст; 2) Дар автореферати диссертатсия натиҷаҳои назарсанҷишҳо доир ба хизматрасониҳои маишӣ дар минтақаҳои вилояти Хатлон мавриди пешниҳоди пурра нагардида, истифодаи намудҳои муосири хизмарасонии маишӣ шарҳ дода нашудааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- масъалаҳои назариявӣ ва методии рушди хизматрасонии маишӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ аниқ карда шуда, таъсири он ба баланд бардоштани сифати хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ муайян гардидааст;

- хусусиятҳо ва масоили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ, инчунин омилҳо таъсиррасон муқаррар гардида, таҳияи консепсияи минтақавии низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ба сомон расонида шудааст;

- самтҳои афзалиятноки такмили низоми танзими давлатӣ ҳангоми расонидани хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ва татбиқи технологияҳои рақамӣ асоснок ва пешниҳод шудаанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

– асосҳои илмию назариявии соҳаи хизматрасонии маишӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ баррасӣ шудаанд;

– вобаста ба предмети таҳқиқот усулҳои коркарди омории маълумот, таҳлили коррелятсионию регрессионӣ, таҳлили маҷмӯавӣ ва низомӣ, усули муқоисакунӣ, шаклҳои графикӣ ва ҷадвалии гузаронидани таҳлил истифода шудаанд;

– таҳлили вазъ ва рушди иқтисодиёту соҳаи хизматрасонӣ ва хизматрасонии пулакию маишӣ ба аҳолии мамлакат ва вилояти Хатлон гузаронида шудааст;

– таҳияи консепсияи минтақавии низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ, дастгирии давлатӣ ва истифодаи механизми шарикии давлатию бахши хусусӣ ва танзими хизматрасонии маишӣ, аз ҷумла дорои аҳамияти иҷтимоӣ ба аҳолӣ сурат гирифтааст;

– самтҳои такмили низоми танзими давлатӣ ҳангоми расонидани хизматрасонии маишӣ ба аҳолии вилояти Хатлон пешниҳод шудааст.

**Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:**

- муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар Раёсати рушди иқтисод ва садои шаҳри Кӯлоб ва дар раванди таълими Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб татбиқ гардидаанд;

- самтҳои асосии илман асоснокгардидаи таҳқиқ метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани ҳолати рушди субъектҳои соҳаи хизматрасонии маишӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ бо дарназардошти

таъсири бисёрҷонибаи омилҳои сершумори муҳити дохилӣ ва берунӣ дар шароити муосир истифода шаванд.

**Арзёбии саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор менамояд, ки:**

- назария дар ақидаҳои консептуалии назарияи иқтисодӣ, ҳамчунин соҳаи хизматрасонӣ ва идоракунии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ асос ёфтааст;

- ғояи таҳқиқот аз таҳлили дастурҳо, баромадҳо ва паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, маводи оморӣ ва таҳлилии вазорату идораҳои дахлдор, маводи конференсияҳо ва дигар маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ сарчашма мегиранд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зоҳир мегардад, ки:**

- татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба дар шароити иқтисодиёти бозорӣ мусоидат мекунад; такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ; хулоса ва пешниҳодоти муаллифи диссертатсия дар раванди таълими Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб ҳангоми тартиб додани барнома ва дастурҳои таълимӣ аз рӯи фанҳои соҳавии иқтисодӣ – «Менеҷмент», «Иқтисодиёт ва ташкили соҳаи хизматрасонӣ», «Макроиқтисод», «Молия», «Иқтисод ва ташкили соҳибкорӣ» ва ғайра татбиқ шудаанд;
- муқаррароти асосии диссертатсия дар 12 кори илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд;
- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ тӯли солҳои 2015-2023 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф маърӯза гардидаанд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 13 январи соли 2024 қарори сазовор донистан Шарифова Дилором Мустафоқуловна бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шӯро 12 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 4 нафар. Овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – 1 нафар, бюллетени беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ**
**д.и.и., дотсент** **Шаропов Ф.Р.**

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент** **Толибов Қ.Қ.**

**Санаи барасмиятдароии хулоса 15.01.2024**